# Масъалаи ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти ифротӣ ва террористӣ: таҳлили фалсафӣ - иҷтимоӣ

**Маҳмадиев Н. Д. н.и.ф, дотсент декани факултети фалсафаи ДМТ**

Таҳқиқи истилоҳи терроризм яке аз масъалаҳои мураккабу печидаи илми ҷаҳонӣ мебошад. Маълум аст, ки зиёда аз дусад таърифи терроризм вуҷуд дорад, аммо ҳеҷ яке аз ин таърифҳо умуми эътирофшуда нест. Ин аз он дарак медиҳад, ки зуҳуроти терроризм гуногунҷабҳа, мураккаб ва бисёрчеҳра мебошад. Аз нуқтаи назари равиши методологӣ сухан сари он меравад, ки оё системаҳои иҷтимоӣ, қобилияти худинкишофёбӣ ва ҳамоҳангшавиро доранд ё не? Дар раванди амали намудани ин мақсад мо бояд аз идеяи фавқулодагии миллату давлат, даст кашем ва ба иттифоқу сулҳ, муколамаи зинда бо дигар халқу миллатҳо кӯшиш намоем ва фалсафаи гайризуровариро дар саргаҳи муносибатҳои худ ҷойгир намоем.

Терроризм яке аз шаклҳои зуҳуроти номатлуби қарни XXI дар фаъолияти худ аз системаи муайяни пайравҷамънамоӣ, таълиму ташвиқ ва тарбия террористон истифода менамояд. Муҳақиқи америкоӣ Марк Хаузер муаллифи асари «Ахлоқ ва хирад», истилоҳи «ангезаи ахлоқи» - ро ҷорӣ менамояд. Ӯ ин асарашро ба таҳлили сабабҳое, ки одамонро барои вайрон намудани ангезаҳои ахлоқи водор менамояд бахшидааст. Ба ақидаи ин муаллиф вайронкунии ахлоқӣ вақте сар мезананд, ки фард бевосита ҳуқуқ ва накуаҳволии дигаронро маҳдуд менамояд [1;113-119]. Ба ин маъно фаъолияти экстремистӣ ҳам ба он равона шудааст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандро вайрон карда, дар ҷомеа ноустувориро ҷорӣ карда, кори инистутҳои иҷтимоии ҷомеаро фалаҷ гардонад. Мушоҳида мешавад, ки ҷавонон ба объекти ҷалбнамоии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ қарор гирифтаанд.

Ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти экстремистию террористӣ яке масъалаҳои камтаҳқиқ шуда буда, барои муҳақиқон душвориҳои зиёди методологиро пеш овардааст. Вуҷуд надоштани равиши ягонаи истилоҳию методологӣ дар бораи тарзу усулҳои ҷалбнамоию

ҳамроҳкунии ҷавонон ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ ба ҷомеаи илмӣ душвориҳои зиёд пеш овардааст. Яъне мо бояд донем, ки ҷавонон ба фаъолияти экстремистию террористӣ ё гурӯҳҳои ифротӣ чи тавр ва бо кадом роҳу усулҳо ҷалб карда мешаванд ва чи тавр мо метавонем, ки онро пешгири кунем. Донистани ин омил имконият медиҳад, ки мо нисбати ин масъала як назарияи муккамали илмӣ эҷод намоем. Зарур аст, ки аз нигоҳи амалӣ роҳҳои ҷалбнамоии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ нишон дода шаванд, чунки ин имконият медиҳад, ки чорабиниҳо дар самти мубориза ю пешгирии экстремизму терроризм боз ҳам муккамалтар карда шавад.

Сабабҳо ва шароити ҷалбнамоии ҷавонон аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бояд, ки аввалан ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуда, таснифот шавад то дар асоси он як системаи муккамалии илмӣ ва давлатии мубориза ю пешгирии фаъолияти террористӣ коркард шавад. Таснифоти сабабу шароитҳои ҷалбнамоии шаҳрвандони Тоҷикистон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ тақозо менамояд, ки мо бояд, пеш аз ҳама ба як равиши воҳид ва фаҳмишу дарки ягонаи экстремизм ва терроризм такя намоем. Ин маънои онро дорад, ки экстремизм ва терроризм зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсии мураккаб буда, аз унсурҳои зиёди ба ҳам алоқаманд иборат мебошанд. Равишу муносибати методологии дақиқ нисбати экстремизм ва терроризм самаранок буда, имконият фароҳам меорад, ки ҳеҷ омиле дар сохтори терроризм сарфи назар шавад ва ба омилҳою сабабҳои пайдоиши экстремизму терроризм ҷавобҳои сазовор пайдо карда шавад.

Бояд қайд кард, ки мо бояд ҳатман системаи муккамали пешгирию мубориза бо экстремизму терроризмро коркард намоем ва дар асоси он бо сабабҳою шароити пайдоиш ва инкишофи экстремизму терроризм ва ҷалбнамоии ҷавонони мо ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мубориза барем. Фаҳмиши экстремизму терроризм бояд мушаххас, ва таърихӣ бошад, ва он ҳамчун зуҳуроти манфии ҷомеаи инсонӣ баҳогузорӣ шавад, чунки мушоҳида мешавад, ки аз мавҷудияти

экстремизм ва терроризм ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан давлатҳои алоҳида азоб кашида истодаанд. Равиши методологии воҳиду системавӣ имконият медиҳад, ки ба таҷрибаи мушаххаси давлатҳои дигар оиди пешгирии экстремизм ва терроризм такя намуда, бо он дастаҷамъона мубориза барем. Омӯзиши экстремизм ва терроризм дар такя бо таҷриба ва тадқиқоти мӯҳақиқони ватании соҳаҳои сотсиология, сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва психология хело ҳам муфид буда, боиси дақиқ кардани табиат ва моҳияти манфури ин вабои асри XX1 хоҳад шуд.

Дар раванди таҳқиқи сабабу шароитҳои пайдоиши экстремизм ва терроризм мо гурӯҳи омилҳоеро ҷудо кардем, ки фарогирандаи паҳлӯҳои гуногуни ҳайёти ҷомеа буда, дар ташакулёбии фаъолияти экстремистию террористӣ таъсири муайян мегӯзоранд, ки инҳо мебошанд: ***идеологӣ; сиёсӣ; иқтисодӣ; иҷтимоӣ; қавмӣ; мазҳабӣ - динӣ; маъмурӣ - ҳудудӣ; равонӣ;***

Сарҳади омилҳои дар боло тақсимбандишуда шартан буда, ҳар як сатҳ дорои зерсатҳи худ мебошад. Идеология ҷавҳари аслии дилхоҳ таълимоти фалсафӣ – иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ мебошанд. Маҷмӯи арзишҳо, мазмунҳо ва ғояҳои эътирофшуда, ки асоси худшиносии гурӯҳи ва шахсиро ташкил медиҳад идеология номида мешавад. [2;173-179]. Дар энсиклопедия фалсафӣ таърифи зерини истилоҳи идеология дода шудааст, ки ба ақидаи мо мазмуни мукамалтар дорад. Идеология маҷмӯи идея ва тасавуротҳои истилоҳан ба расмият даровардa шуда буда, ифодакунандаи ҷаҳонбинӣ ва идеяҳои субъектҳои гуногунӣ сиёсат ба монанди синфҳо, миллатҳо, ҷомеаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад ва ҳамчун шакли тасдиқ ё иҷозати ҳукмронӣ ё ҳокимият дар ҷомеа баромад менамояд[3;с.81]. Ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ идеологияи зуроварино ба сифати воситаи зарурии ба даст овардани мақсадҳои муайяни сиёсӣ истифода менамоянд. Идеологияи зуроварӣ бояд дар пайвастагии дигар равандҳои иҷтимоии ҷомеа таҳқиқ карда шавад. Мутобиқан барои тасвири илмии идеологияи зӯровари бояд, ки омилҳои равонӣ, дини ва қавмии ҷалбнамоии ҷавонон ба

фаъолияти террористӣ дида баромада шавад. Идеологияи зӯровари хосият ва табиати гуногуни зоҳиршавӣ дошта, бо шаклҳои мухталифи экстремизм ва терроризми алоқаманд аст. Идеологияи зуроварие, ки хислати динӣ дорад, асосан бо экстремизм ва терроризми таасуби алоқамандии зич дорад. Экстремизм ва терроризми таасуби байни дигар шаклҳои экстремизму терроризм хатарноктар буда, боиси қурбониҳою марги зиёди аҳолии осоишта мегардад. Ба ҳамин хотир зарур аст, ки бо тамоми воситаҳою сарчашмаҳо зидди идеологияи зуроварӣ мубориза барем. Ин тақозои замон аст, агар хоҳем, ки ҷомеаи тоҷик муътадил рушду инкишоф ёбад, бояд барномаи давлатии пешгирию мубориза бо экстремизм ва терроризмро таҳия намоем ва дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқ кунем. Вобаста ба ҳамин масъала муҳаққиқи тоҷик С.Ятимов идеологияро бо тамоми ҷабҳаҳояш таҳлил карда, қайд менамояд, ки «Бар зидди ҳама гунна идеологияи зараровар на танҳо панду насиҳат, ё худ ибрози нияти нек, балки ҳатман ба воситаи идеологияи пурқудрат ва муқовиматкунанда мубориза бояд бурд» [4].

**Гурӯҳи омилҳои сиёсӣ** дар он зоҳир мегардад, ки гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи яққатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ, молиявӣ ва хадамотҳои кашофии кишварҳои хориҷӣ маблағгузори мешаванд. Мутобиқан барои тарғиботу маблағгузорӣ ва ҷалбнамоии ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ маблағҳои калон ҷудо мегарданд. Маҳкам кардани роҳҳои воридшавии маблағ ба ҳисоби гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ яке аз воситаҳои муҳими пешгирии ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти экстремистию террористӣ мебошад.

Гурӯҳи дуюми омилҳои ба вуҷудоварандаи экстремизм ва терроризм бо равандҳои сиёсии дохилиминтақавӣ алоқаманд буда, имконияти ҷалбнамоии ҷавононро ба фаъолияти экстремистию террористӣ зиёд мегардонад. Яке аз сабабҳои фаъол шудани гурӯҳҳои ифротию террористӣ ин пеш аз ҳама равандҳои дохилисиёсӣ дар минтақаҳои муайяни ҷуғрофӣ мебошад, ки элитаҳо ва кланҳои сиёсӣ дар он нақши

фаъолро бозӣ менамоянд. Яъне кланҳо ва элитаи сиёсии минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида дар аксари маврид манфиатҳои дохилигурӯҳии худро авлотар дониста, ба зарари кишвар ва аҳолии худ амал менамоянд. Ҳатто мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо байни худ низ дар ҳолати таззод мебошанд ва дар ҳолатҳои муайян ба воситаи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Ин ҳолатро мо метавонем дар равандҳои иҷтимоӣ – сиёсии як қатор кишварҳои Шарқи Наздик махсусан дар Ироқ, Сурия, Қатар ва Либия баръало мушоҳида намоем. Масалан, гурӯҳи экстремистӣ ва террористии «Давлатӣ исломӣ» дар натиҷаи дастгирии молиявию иқтисодии як қатор кишварҳои исломии Шарқи Наздик бо ҳамкори хадамоти ҷосусии кишварҳои алоҳидаи Ғарб рӯйи кор омадаанд. Аз дасти саркардагон ва пайравони ҳаракати экстремистию террористӣ «Давлатӣ исломӣ» давлатҳои калони Шарқи Наздик ба монанди Ироқ, Сурия ва Лубнон ба майдони ҷанг табдил ёфта, аҳоли зиёди ин кишварҳо муҳоҷири иҷбори шуданд.

**Гурӯҳи экстремистию террористии давлати исломӣ** ба ҷавонони тоҷик низ таъсири манфӣ расонида истодааст. Тарғиботи густурдаю пинҳонии ин гурӯҳи экстремистӣ ва террористӣ ба воситаҳои гуногун, махсусан тавасути Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси он гардид, ки як қатор шарҳрвандони мо ба таври фаъол ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ ҷалб карда шуда, ба сафи ин гурӯҳ пайваста дар ҳудуҳои Сурия ва Ироқ дар ҷангу хунрезӣ иштирок карда истодаанд.

Гурӯҳи дигари омили пайдоиши экстремизм ва терроризм ба масъалаи инкишофи коррупсия, заиф шудани идоракуни давлатию маҳаллӣ дар ҷомеа алоқамандии зич доранд. Дақиқ аст, ки Инистутҳои ҳокимияти давлатӣ дар мубориза бо экстремизму терроризм заиф буда, нисбати пешгирии ин хатар ба саҳлангорию бепарвоӣ роҳ медиҳанд, ки нобахшиданист. Масъалаи асоси дар он аст, ки бояд пеш аз ҳама мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар минтақаҳо ва мақомотҳои маҳаллӣ мустаҳкам бошанд ва дар он хизматчиёни давлатии дорои худшиносии

миллӣ, донишу савияи тахассусии баланд фаъолият намоянд ва тавонанд, ки зуҳуротҳои экстремистию террористиро дар ҳолати пайдоиш дарк ва мушоҳида карда, бо он мубориза баранд. Мутаасифона ҳолатҳои ҷой доранд, ки саркардагони ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ ба воситаи ришва хизматчиёни давлатиро муттаҳам карда, ба ин тарз яроқу лавизимоти ҳарбиро озодона ба кишвар дохил менамоянд, байни аҳоли тарғиботи ифротӣ бурда, ҷавонони гумроҳро ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҳамроҳ менамоянд.

Яке аз заминаҳои асосии пайдоиши экстремизм ва терроризмро **омилҳои иҷтимоӣ** ташкил медиҳанд. Масалан, бекорӣ, даромади пасти аҳолӣ, надоштани манзили зист, иқтисодӣ ҷиноӣ ба ҳалқаи омилҳои иҷтимоии пайдоиши ин зуҳуротҳои номатлуб дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки номутаносибии инкишофи иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеа ва душвориҳои ба кор таъмин кардани аҳолӣ боиси халалдор шудани фазои иҷтимоӣ – сиёсӣ ҷомеа ва сар задани зуҳуротҳои экстремистӣ – терористӣ мегарданд. Қайд кардан зарур аст, ки баъди барҳам хурдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабаби ихроҷи кадрҳои баландихтиссос, сатҳи технологии иқтисодиёт хеле паст гашт. Ин раванд вазъияти ногӯвореро ба миён оварда, боиси паст шудани сатҳи донишу маърифати аҳолӣ гардида, муқобилиятнишондиҳии ҷомеаро нисбати хатари паҳншавии омилҳои экстремистӣ ва террористӣ хеле паст гардонид. Маълум аст, ки ибтидоӣ солҳои 90 –ум иқтисодиёти Тоҷикистон ба бӯҳрони амиқ гирифтор шуда, ба талаботи инкишофи замон дигар ҷавоб дода наметавонист. Яъне инкишофи иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар ва ҷомеа дар пешгирию мубориза нисбати гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ накши муҳимро мебозанд.

Ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ ҷинс, сину сол, баромади иҷтимоӣ, таълимот ва ҷаҳонбинии ҷавононро ба назар гирифта, ҷалби онҳоро ба сафҳои худ ба роҳ мемонанд. Яъне ба ақидаи аксари муҳақиқон омилҳои демографӣ ба монанди кӯчиши аҳолӣ, ба шуғл фарогирифтани онҳо, таълим дар Донишгоҳҳо ба интихоб ва ҷалби

ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротию террористӣ таъсир мерасонад. Аксари ҷалбшавандагон ба ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ ин ҷавонони сину соли 20 то 35 – сола бе шуғли муайян асосан ҷинси мард мебошанд. Яъне ҷавонони бекор, аз раванди таълиму тарбия дар канор монда, муҳоҷирони меҳнатӣ ба объекти асосии тарғибот ва таъсирасонии ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ қарор мегиранд. Маълум аст, ки аксари амалҳои террористӣ ба дасти ҷавонон роҳандозӣ карда мешаванд.

Амалҳои террористӣ ба он равона шудаанд, ки дар ҷомеа ҳолати муайяни тарсу нобовариро ба вуҷуд оваранд. Амалҳои террористӣ ба воситаи ВАО, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ намоиш дода мешаванд, ки таъсири равонии ин амалҳоро боз ҳам зиёдтар карда, вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва динии ҷомеаро хароб мегардонад. Вазифа ва мақсади асосии терроризм ин таъсирасони ба эҳсоси омма, тарсонидани аҳолӣ, эҷоди вазъияти тарс, вайрон кардани маъною мақсади ҳайёт ва арзишҳои инсонӣ мебошад. Ба таълиму тарбия фаро нагирифтани ҷавонон таъсирпазири ва ҷалбнамоии онҳоро ба ҳаракатҳои экстремистию террористӣ хеле зиёд мегардонад. Барои ҳамин ҷавонони бедонишу бетахассус туъмаи асосии идеологони гурӯҳҳои ифротӣ мегарданд, чунки инсони бедонишу бе маърифат назди тарғиботи идеологӣ оҷиз аст. Муҳити иҷтимоӣ – фарҳангии инкишофи шахсиятро танҳо дар раванди таълиму тарбия метавон ба вуҷуд овард. Дар ҳолати беаҳмият мондани раванди таълиму тарбия чи аз тарафи волидайн ва чи аз тарафи давлат ҷавонон метавонанд аз тарбияи арзишҳои идеологӣ ва маънави ҷомеа берун монанд. Дар ҳолати беназорат мондани заминаҳои маънавии ҷомеа, раванди таълиму тарбия дар мактабу донишгоҳҳо ҷавонони муосирро назди тарғиботи экстремистӣ – террористӣ бемуҳофизат мегардонад.

Омили дигаре, ки метавонад заминаи пайдоиши экстремизм ва терроризм гардад **маргинализатсия** мебошад. Оиди истилоҳи маргинализатсия ақида ва назарияҳои гуногуни иҷтимоӣ – фалсафӣ

вуҷуд доранд, ки якдигаро сарфи назар менамоянд. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадиев Н.Д. марҳилаи муҳим оид ба тадқиқоти маргиналҳо ва люмпенҳо дар сохтори ҷомеа ва нақши онҳо дар ин сохтори ҷамъиятӣ ба фалсафаи постмодернизм, ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ- фалсафӣ мансуб аст. Постмодернистон ҳамаи равияҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафиро, ки то давраи онҳо вуҷуд доштанд, мавриди тафтиш – аз навдидабароӣ қарор дода, калимаи маргиналро ба доираи васеи расму русуми фарҳангӣ ворид намуда, люмпенро бошад, инсони мобайни маънидод карданд. Ҳам маргинал ва ҳам люмпен манбаъи умумии мавҷуд набудани мавқеи муайянро дар фарҳанг доранд. Дар бораи маргиналҳо ҳамчунин метавон гуфт, ки дар онҳо худогоҳӣ, мавқеи муайян дар сохтори иҷтимоии ҷамъият мавҷуд нест. Аз ин рӯ, онҳо ба осонӣ дар зери таъсири ғоявии гурӯҳҳои динӣ – экстремистӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ мемонанд [5;с.98]. Душвориҳои иҷтимоӣ ба монанди майзадагӣ ва нашъамандӣ инсонро маргинал намуда, ва ӯ осон туъмаи ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ мегардад ва ба сифати шаҳид дар амалҳои террористӣ истифода мешаванд.

Ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ ба зиддӣ давлати мо кор карда, мутаасил кӯшиш менамоянд, ки озодии мутлақ ба даст оранд то ки ба ҳокимияти сиёсӣ ва сарчашмаҳои иқтисодӣ роҳ ёбанд. Масалан, дақиқ маълум аст, ки яке аз мақсадҳои асосии ҳаракати экстремистию террористии ҲНИ ин даст ёфтан ба сарчашмаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти камуникатсионӣ қарор дошта, дар минтақаи ҷойгир аст, ки 93% онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва ин омил имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ ва кишвари моро каме маҳдуд месозад. Ин омилҳоро ба назар гирифта идеологони ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ ба зидди ҷомеа ва кишвари мо фаъолиятӣ густурда бурда, шаҳрвандони моро ба ҳаракатҳои экстремистӣ ва фаъолияти террористӣ ҷалб менамоянд. Аммо новобаста аз вуҷуд доштани душвориҳо бо шарофати кӯшишҳои Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мо зина ба зина аз

бунбасти комуникатсионӣ раҳои ёфта, аз пай инкишофи соҳаи иқтисодиёт ҳастем, то ки бо ин роҳ вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии давлатро беҳтар созем.

**Омили дини – мазҳабӣ** эҷодкунандаи фазои мусоид барои ҷалби шаҳрвандони Тоҷикистон ба фаъолияти экстремистию террористӣ мебошад. Душвории асоси сари он аст, ки бо тамоми воситаҳо пеши роҳи тарғибнамоӣ ва ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти экстремистӣ – террористӣ гирифта шавад. Дар ҷаҳони муосир тамоюлоти тақвиятёбии экстремизми динӣ баръало мушоҳида мешавад, ки қурбониҳою зиёди инсониӣ ва зарари калони моддӣ ба миён оварда истодааст. Дар дохили дини Ислом ҳаракатҳои зиёди таасубгаро ва экстремистӣ вуҷуд доранд, ки мақсади асосиашон мубориза бо кофирон, пайравони дигар динҳои ҷаҳонӣ буда, дар саргаҳи идеология ва таълимоти экстремистии онҳо бунёди хилофати исломӣ қарор дорад. Аммо идея бунёди хилофати исломӣ утопия буда, дар марҳилаи муосири инкишофи ҷаҳон амалинашаванда аст, чунки ҷаҳони ислом ва миллатҳое дар ин ҳудуди бузург зиндагӣ мекунанд, зиндагии зери ҳукмронии хилофати исломиро ҳаргиз намехоҳанд. Чунки ин тарҳи сиёсии утопиявӣ бо номи хилофати исломӣ ба ҳувият, худшиносӣ ва фарҳанги ин миллатҳо хатари бузург дорад. Фарҳангу ахлоқи миллӣ ҷавҳари ҳастии ҳар як халқу миллат буда, мо бояд ин ҷавҳари ҳастии миллатро дар мубориза ю пешгирии паҳншавии экстремизм ва терроризм истифода намоем. Инчунин мушоҳида мешавад, ки ҳаракатҳои экстремистию террористӣ аз инқирози иҷтимоӣ – иқтисодӣ, маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа, махсусан ҷавонон истифода намуда, онҳоро ҳаматарафа меомӯзанд таасубгаро менамоянд ва ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҷалб менамоянд.

Баъди оғози марҳилаи бозсозӣ дар охири солҳои 80 – ум вазъияти сиёсие ба миён омад, ки ғояҳои экстремистӣ махсусан таълимоти экстремистии ваҳҳобия байни ҷомеаи тоҷик тарғиб шуданд. Дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ибтидои солҳои 90 – ум гурӯҳҳои динӣ - экстремистӣ як тарафи фаъол ва бераҳми моҷароро ташкил медоданд. Ба

ақидаи яққатор сиёсатмадорон ва муҳақиқон барҳам хурдани давлати Шӯрави садамаи бузурги геополитики қарни XX мебошад, ки ба зиндагии гурӯҳи калони одамон таъсири манфӣ расонидааст [6]. Одамоне, ки гирди як идеология сарҷамъ буданд, дар як шаб худро маҳрум аз идеологияи муттаҳидкунанда ва давлат эҳсос намуданд. Аз набудани идеология муттаҳидкунанда истифода намуда, ҷой онро бо коркардаи муайян идеологияи ҳаракатҳои дини - экстремистӣ махсусан ваҳҳобия, ҳизб – ут – таҳрир, салафия гирифта, гуруҳи зиёди аҳоли махсусан ҷавононро таасубгаро, ифротӣ ва гумроҳ намдуданд. Ҳаракати экстремистии ваҳобия ва салафия дар ҷомеаи муосири тоҷик низ реша давонда ба таври пинҳони амал намуда, ба бехатари ҷомеа ва давлати мо таҳдид менамояд. Ҳаракатҳои экстремистии исломӣ ба воситаи таъсирасонии равонӣ ҷавононро ба сафи гурӯҳояшон ҷалб менамоянд. Ғояпардозони онҳо Сура ва оятҳои алоҳидаи Қуръонро ба таври худ ва ба мақсаду ҳадафҳои онҳо мувофиқ шарҳу тафсир дода, ҷавонони ба доми фиреби онҳо афтидаро ба ҷиҳод яъне ҷанг бар зидди кофирон ё пайравони динҳои дигар даъват менамоянд. Бояд қайд кард, ки Ислом дини сулҳофару башардӯст мебошад, аммо ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ ба монанди ваҳҳобия, салафия, ДИИШ, Ҷабҳат – ан-нусра ва дигарон номи ин динро бо шарҳу тафсирҳои нодурусти худ бад менамоянд.

Дар хулоса бояд қайд намоем, ки бо истифодаи сарчашмаҳои равонию иҷтимоӣ мо бояд ҷавононро дар руҳияи худшиносию ватанпарвари тарбия намоем то ки онҳо тавонанд дар ҳама ҳолати зиндагӣ худро аз хатари таасубгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм ҳифз намоянд. Муҳоҷирони меҳнати ба гурӯҳи демографии осебпазир дохил мешаванд, чунки онҳо ҳар дақиқа ва ҳар сония метавонанд, ки ба объекти ҳуҷумҳои ҷисмонию равонӣ қарор гиранд, ки хоҳ нохоҳ ба эҳсоси инсонии ва психикаи онҳо бе таъсир намемонад. Аз ин ҳолат пеш аз ҳама идеологони ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ истифода карда, муҳоҷирони ҷавонро коркард карда ҳолати равони онҳоро таъғир

дода, ҷаҳонбинии онҳоро ифротӣ мегардонанд ва ба фаъолияти террористӣ ҳамроҳ менамоянд. Яъне ҳисси миллию қавмии муҳоҷиронро бо мақсадҳои ғаразнок бедор менамоянд ва истифода мебаранд. Ҳамин тавр, муносибати халқу миллати таҳҷоӣ нисбати эҳсоси қавмию миллии муҳоҷирони ҷавон намояндагони дигар халқу миллатҳо яке аз заминаҳои асосии ривоҷ ёфтани экстремизм ва терроризм мегарданд.

## АДАБИЁТ


1. Марк Хаузер. Мораль и разум. Как природа создавала наше универсальное чувство добра и зла. [Электронный ресурс]: https://royallib.com/book/hauzer_mark/moral_i_razum_kak_priroda_sozdavala_nashe_universalnoe_chuvstvo_dobra_i_zla.html (рӯзи муроҷиат ба сайт 13.12.2018)

2. Маҳмадиев Н.Д. «Идеология религиозного экстремизма и причины его проявления в обществе» / Н.Д. Маҳмадиев / (Материалҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. 30 ноябри соли 2011). Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо. Душанбе, 2011Душанбе, 2013. –С.173-179.

3. Новая философская энциклопедия. В 4 т/. Т.2.М; «Мысль», 2010.- 640 с.

4. Идеологияи миллӣ. Ифтихор ва масъулият. [Электронный ресурс]: URL. http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=16877 (рӯзи муроҷиат ба сайт 17.12.2018)

5. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. *Монография* / Н.Д. Маҳмадиев // Душанбе, 2013. – 173 с.

6. Владимир Путин: "Распад СССР - крупнейшая геополитическая катастрофа века": https://regnum.ru/news/444083.html (рӯзи муроҷиат ба сайт 18.12.2018)


## Масъалаи ҷалбнамоии ҷавонон ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ

Баъди оғози марҳилаи бозсозӣ дар охири солҳои 80 – ум вазъияти сиёсие ба миён омад, ки ғояҳои экстремистӣ махсусан таълимоти ваҳҳобия байни ҷомеаи тоҷик тарғиб шуданд. Дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ибтидои солҳои 90 – ум исломиён як тарафи фаъол ва бераҳми моҷароро ташкил медоданд. Ба ақидаи яккатор сиёсатмадорон ва муҳақиқон барҳам хурдани давлати Шӯрави садамаи бузурги геополитики қарни XX мебошад, ки ба зиндагии гурӯҳи калони одамон таъсири манфӣ расонидааст. Одамоне, ки гирди як идеология сарҷамъ буданд, дар як шаб худро маҳрум аз идеологияи муттаҳидкунанда ва давлат эҳсос намуданд. Аз набудани идеология муттаҳидкунанда истифода намуда, ҷой онро бо коркардаи муайян идеологияи ҳаракатҳои

дини - экстремистӣ махсусан ваҳҳобия, ҳизб – ут – таҳрир, салафия гирифта, гуруҳи зиёди аҳоли махсусан ҷавононро таасубгаро, ифротӣ ва гумроҳ намдуданд. Ҳаракати экстремистии ваҳобия ва салафия дар ҷомеаи муосири тоҷик низ реша давонда ба таври пинҳони амал намуда, ба бехатари ҷомеа ва давлати мо таҳдид менамояд. Ҳаракатҳои экстремистии исломӣ ба воситаи таъсирасонии равонӣ ҷавононро ба сафи гурӯҳояшон ҷалб менамоянд. Ғояпардозони онҳо Сура ва оятҳои алоҳидаи Қуръонро ба таври худ ва ба мақсаду ҳадафҳои онҳо мувофиқ шарҳу тафсир дода, ҷавонони ба доми фиреби онҳо афтидаро ба ҷиҳод яъне ҷанг бар зидди кофирон ё пайравони динҳои дигар даъват менамоянд. Бояд қайд кард, ки Ислом дини сулҳофару башардӯст мебошад, аммо ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ ба монанди ваҳҳобия, салафия, ДИИШ, ҷабҳа – ан-нусра ва дигарон номи ин динро бо шарҳу тафсирҳои нодурусти худ бад менамоянд.

**Калидвожаҳо:** ИҶШС, Тоҷикистон, Терроризм, идеология, фарҳанг, ахлоқ, тарғиботи экстремистӣ, ҷавонон, гурӯҳҳои экстремистӣ, қавм, равонӣ, идоракунии давлатӣ, маргинал.

## Проблема привлечение молодёжи в экстремистскую и террористическую деятельность

В конец 80 –х годов и начало периода гласности в советском Таджикистане образовалось специфическая социально – политическая ситуация в котором начали, провялятся и развиваться экстремистские течений типа ваххабизма. В гражданской войне Таджикистане начало 90 – х годов исламистские группы образовали непримиримую и жестокую сторону конфликта. По мнению исследователей и политиков развал Советского Союза самая большая геополитическая катастрофа, который повлияло на больших групп людей, которые в одночасье стали, без государство, без объединительной идеологии и некому ненужными людьми. Отсутствие объединительной идеологии стало причиной, что в обществе появились религиозно – экстремистские течений типа ваххабизма, салафизма и других деструктивных течений в обществе и основными их целями пропаганды были молодежь. Ваххабизм и салафизм это религиозно – экстремистские течений, которые представляют общественно - политической и экономической безопасности Таджикистана реальную угрозу. Исламистские экстремистские течений методами психологической воздействие на молодёжь вербуют с целью использование их в террористических актах в разных точках мира. Идеологи религиозно – экстремистских течений используют Суры и Аяти Корана для своих религиозно – политических, с целью вербовки молодёжь в своих экстремистских групп для направление их в так называемы священный война или джихад против неверных или последователей других конфесий и религии. Нужно подчеркнут, что Ислам религия мира и толерантности, но как известно религиозно – экстремистские течений типа «ваххабизм», «салафизм», «исламское государство» и «Джабхат -ан-нусра» используют его в корыстных и политических целях.

**Ключевые слова:** СССР, Таджикистан, Терроризм, Идеология, Культура, Нравственность, Экстремистское пропаганда, экстремистские группы, Этнос, Психология, Государственное управление, Маргинал.

## The problem of attracting young people to extremist and terrorist activities

At the end of the 80s and the beginning of the glasnost period in Soviet Tajikistan a specific socio - political situation emerged in which extremist movements such as Wahhabism began, developed and developed. In the civil war of Tajikistan in the early 1990s, Islamist groups formed an implacable and violent side to the conflict. According to researchers and politicians, the collapse of the Soviet Union is the biggest geopolitical catastrophe that affected large groups of people who suddenly became, without a state, without a unifying ideology and no one unnecessary people. The lack of a unifying ideology was the reason that religious - extremist movements such as Wahhabism, Salafism and other destructive trends in society appeared in society and their main goals of propaganda were youth. Wahhabism and Salafism are religious - extremist movements that pose a real threat to the socio - political and economic security of Tajikistan. Islamist extremist movements are recruited by methods of psychological influence on young people in order to use them in terrorist acts in different parts of the world. Ideologists of religious - extremist movements use Sura and Ayati Koran for their religious - political, with the aim of recruiting young people in their extremist groups to send them to the so-called holy war or jihad against infidels or followers of other religions and religions. It should be emphasized that Islam is a religion of peace and tolerance, but as is well known religious - extremist currents such as "Wahhabism", "Salafism", "Islamic State" and "Dzhabhat-an-nusra" use it for selfish and political purposes.

**Key words:** USSR, Tajikistan, Terrorism, Ideology, Culture, Morality, Extremist propaganda, extremist groups, Ethnicity, Psychology, Government, Marginal.

**Сведение об авторе:** Н.Д. Махмадиев – кандидат философских наук, доцент декан факультета философии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе Рўдаки 17. **E-mail: nozim2985@mail.ru** Телефон 93.932.59.42.

**Information about the author:** N.D. Mahmadiev - Candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: nozim2985@mail.ru Phone: 93.932.59.42.